**ПРОТОКОЛИ №48.3 - и**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

аз 20 июни соли 2026 ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 11 нафар (аз ҷумла 1 нафар ба тариқи маҷозӣ), аз рӯйи ихтисос 5 нафар доктороні илм ва 1 нафар номзади илм

20 июни соли 2026, соати 14:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа 17:10.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббим.
**Котиби ҷаласа:** номзади илмҳои иқтисодӣ Саиджонов Содикжон Шарифжонович.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2025 таҳти рақами 289/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 11 нафар аъзо иштирок доранд (1 нафар тариқи маҷозӣ), ки аз онҳо 5 нафарашон доктороні илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи «Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» ба анҷом расидааст.

**Мушовири илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисоди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Алиджанов Джамшед Абдуқаюмович.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Низомова Тӯҳфамо Давлатовна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. Раҳимов Абдулатиф Маҷидович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

3. Нурализода Эмомалӣ Нуралӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

Раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. дар асоси варақаи ҳузур аъзои шуроро дар бораи босалоҳият будани маҷлис огоҳ карда, рӯзномаи онро эълон намуд. Сипас, раис довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ба ҳозирин муаррифӣ намуда, ному насаб, мавзуи диссертатсия, ихтисос ва соҳаи илмро, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст, ҳамчунин муассисаи пешбар, ному насаб, дараҷаи илмӣ, вазифа ва ҷойи кори муқарризони расмиро эълон кард.

Саиджонов С.Ш., котиби илмии шуро ҳозиринро бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаби дараҷаи илмӣ Шокирзода Шӯҳрат Усмон шинос карда, оид ба мутобиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда иттилоъ дод.

Сипас, ба Шокирзода Шӯҳрат Усмон барои маъруза дар мавзуи «Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия» то 40 дақиқа вакт дода шуд. Пас аз ба итмом расидани маъруза аъзои шуро – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуқодирӣ Х.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. ба довталаб саволҳо доданд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шокирзода Ш.У. ба саволҳои аъзои шуро ҷавобҳои мушаххас дод.

Баъдан, мушовири илмии довталаб – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Алиджанов Джамшед Абдуқаюмович сухан намуда, ба диссертатсия баҳои баланди илмӣ дода, фаъолияти илмӣ ва илмию омӯзгории Шокирзода Шӯҳрат Усмонро тавсиф намуда, сабаби ба довталаб додани дараҷаи илмиро асоснок иброз дошт.

Ҳамчунин, котиби илмии шуро ҳозиринро бо хулоса оид ба натиҷаҳои муқаддимотии ташхиси диссертатсия – хулосаи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд», тақризи муассисаи пешбар – Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон шинос намуд. Ҳамзамон, ӯ ҳозиринро бо тақризҳо ба автореферати диссертатсия, ки ба шуро аз ҷониби олимони зерин пешниҳод шуданд, шинос намуд:

1. Авезов А.Ҳ. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд;

2. Досиев М.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ;

3. Рауфӣ А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

4. Қурбонзода М.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;

5. Маҳмадалӣ Б.Н. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

Бо ризоияти аъзои шуро котиби илмӣ Саиджонов С.Ш. шарҳи тақризҳоро оид ба диссертатсия ва автореферат, бо қироати ҳатмии эродҳое, ки дар онҳо оварда шудааст, ироа намуд.

Пас аз шинос намудани ҳозирин бо тақризҳо ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шокирзода Шӯҳрат Усмон барои ҷавоб додан ба эродҳои дар тақризҳо ҷойдошта сухан дода шуд.

Муқарризони расмӣ - Низомова Тӯҳфамо Давлатовна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Раҳимов Абдулатиф Маҷидович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон сухан карданд. Муқарризон

эродҳои ҷойдошта ва баҳои ниҳоиро ба диссертатсия, ки дар тақриз оварда шудаанд, пурра баён карданд.

Тибқи банди 85-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, котиби илмии шуро Саиджонов С.Ш. тақризи муқарризи расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Нурализода Эмомалӣ Нуралиро қироат намуда, эродҳои ҷойдошта ва баҳои ниҳоӣ ба диссертатсияро, ки дар тақриз оварда шудаанд, пурра баён кард.

Баъд аз шунидани тақризи ҳар як муқарриз, ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шокирзода Шӯҳрат Усмон барои ҷавоб додан ба эродҳо сухан дода шуд.

Тибқи банди 87-уми Низомномаи шурои диссертатсионӣ сухан ба аъзои шуро, мутахассисон доир ба ихтисоси диссертатсия – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Абдуқодирӣ Х.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. ва доктори илмҳои иқтисодӣ Дадоматов Д.Н. дода шуд. Баромадкунандагон зимни мубоҳиса ба диссертатсия баҳои асоснок доданд.

Дар ҷараёни мубоҳиса ба довталаб Шокирзода Шӯҳрат Усмон имкон дода шуд, ки ба эродҳои гирифтаи баромадкунандагон ҷавоб диҳад.

Баъди ба итмом расидани мубоҳиса шуро бо тартиби муқарраршуда аз рӯйи масъалаи додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба Шокирзода Ш.У. овоздиҳии пинҳонӣ баргузор намуд. Комиссияи ҳисоб дар ҳайати зерин интихоб карда шуд: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н.

Комиссия Исмоилов М.М. - ро раис интихоб кард. Мавсуф ҳозиринро бо натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ шинос намуд:

тарафдор – 10 нафар;

муқобил – нест;

бюллетенҳои беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Шокирзода Ш.У. додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ қабул гардид.

# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

аз 20 июни соли 2026 ш. Хуҷанд

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 баъди шунидан ва муҳокимаи диссертатсияи Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи «Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ; тақризи мушовири илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Алиджанов Джамшед Абдуқаюмович; тақризи муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низомова Тухфамо Давлатовна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов Абдулатиф Маҷидович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Нурализода Эмомалӣ Нуралӣ; ҳамчунин мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Абдуқодирӣ Х.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бойматов А.А. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н. - ро шунида, баррасӣ карда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Шокирзода Шӯҳрат Усмон

### ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи «Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Автореферат ва маводи илмии чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Шокирзода Шӯҳрат Усмон дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

4. Барои додани дипломи доктори илмҳои иқтисодӣ ба Шокирзода Шӯҳрат Усмон аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 11 нафар. Муқобил? Нест. Бетараф? Нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** — **Ризозода Тӯра Раббим**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и.** — **Саиджонов Содикжон Шарифжонович**

20 июни соли 2026